# ЗАМИНА ВА ОМИЛҲОИ ПАҲНШАВИИ РАДИКАЛИЗМИ СИЁСӢ, ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ВА ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Дороншоева Некбахт -** Ходими илмии ИФСҲ-и АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ҷомеаи имрӯза яке аз масъалаи ҷаҳоние, ки онро олимон ва таҳқиқотчиён "вабои асри XXI" меноманд, ин паҳншавии радикализми сиёсӣ, экстремизми динӣ ва терроризми байналмилалӣ мебошанд, ки онҳо хусусияти глобалӣ дошта, тамоми кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро мегиранд. Маълум аст, ки дар айни ҳол, ягон кишвари дунё наметавонад дар танҳоӣ бо амалҳои номатлуби радикализми сиёсӣ, экстремизми динӣ, терроризми байналмилалӣ ва дигар таҳдиду хатарҳои замони муосир мубориза бурда, муваффақ гардад.

Бояд қайд кард, ки мубориза бо ин падидаҳои номатлуб яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеаи муосир мебошад. Имрӯз ҷаҳон бо таҳдид ва хатарҳои воқеӣ рӯбарӯ шуда истодааст, ки мубориза бурдан ба ин зуҳуроти глобалӣ хусусияти умумимиллӣ гирифтааст.

Дар ҷомеаи мо ҳам масъалаи мазкур яке аз масоили муҳиме аст, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат дарҷ ёфтааст. Нигаронии Сарвари мамлакат аз шиддат гирифтани хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ, терроризму экстремизм ва шомилшавии ҷавонон ба созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ асоси воқеӣ дорад. Пешвои миллат мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомиро огоҳ сохтанд, ки ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва барои баланд бардоштани донишу малакаи касбии хеш кӯшиш намоянд, ҳамзамон шаклу усулҳои муосири мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, зуҳуроти ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ қочоқу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар қонуншиканиҳоро тақвият диҳанд.[2]

Дар ҷаҳони муосир таҳдиди терроризм танҳо хусусияти маҳаллӣ надошта, характери глобалӣ гирифтааст. Терроризм таҳдиди хатари ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ки ҳеҷ кадом давлат наметавонад, сарфи назар аз ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқтидори иқтисодӣ, сохтори иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз он дар канор бошад.

Муҳаққиқи рус Любачев А.В қайд мекунад, ки "Муносибат ба таҳдиди терроризм дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон гуногун аст. Он аз вазъи дохилии иҷтимоиву сиёсӣ вобаста ба ҳар як давлати алоҳида ва дараҷаи иштироки он дар равандҳои байналмилалии сиёсӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ вобаста аст." [3,4] Аммо новобаста аз дараҷаи иштироки ин ё он кишвар дар чунин равандҳо терроризм ба ягон қонун ва дастурҳои ҳукуматӣ вобастагӣ надорад. Терроризм имрӯз даҳшати бузурги мардумони кураи замин аст.

Бояд гуфт, ки экстремизм ҳаракатест, ки бо сохти давлатдорӣ ҳама вақт дар мубориза аст, сайъ мекунад, ки ҷомеаро ноором созад ва чунин фаъолиятҳоро дар равандҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ иҷро намояд:

- огоҳӣ ва иттилоърасонии ҷомеа нисбати бесарусомониҳо дар ҷомеа;
- тақвият додани буҳронҳои иҷтимоӣ бо роҳи норозигии мардум ва фишор овардан нисбат ба сохти сиёсии ҷомеа бо ба иҷро расондани террор, таркиш, гаравгонгириҳо ва ғайра;
- майли норозигӣ ба меъёрҳои рафтори мавҷуда ва кӯшиши ба фоидаи худ нававарӣ ва дигаргунӣ даровардан.

Созмони экстремистӣ бошад як созмони муташаккил буда, аъзоёни он дорои ҳадафҳои муайян мебошанд.

Оид ба ба ин масъала муҳаққиқ Маҷидзода Ҷ.З. қайд мекунанд, ки ташкилотҳои террористии байналхалқӣ дар тамоми дунё бо якдигар аз тариқи шабакаи Интернет ва дигар воситаҳои ахбори омма ҳамкорӣ мекунанд. Олимону коршиносон оид ба сабабҳои пайдоиши терроризм ва рушд гирифтани он дар замони нав як қатор корҳои тадқиқотиро ба анҷом расонидаанд. Хулосаи умдаи онҳо ин аст, ки фаъолияти террористонро ҳеҷ вақт ва дар ҳеҷ сурат ҳимоят кардан лозим нест. Аммо худи ҷинояткорону террористон ва гурӯҳҳои манфиатдори сиёсӣ барои собит кардани ҳаққонияти худ ба дифои якдигар

баромада аз амалҳои террористии ҷудогона дастгирӣ менамоянд.[4,15]

Терроризм ин падидаи иҷтимоӣ буда ҷомеаро нооором месозад. В.Н.Пластун қайд менамояд, ки терроризм падидаи иҷтимоӣ аст, террорист дар ҷомеа зиндагӣ мекунад, таҳти таъсири он қарор гирифта, дар он амал мекунад ва бо он ташаккул меёбад. [5,223]

Барои садди роҳи ин падидаҳои номатлубро гирифтан аввало зарур аст, ки сабабу усулҳои паҳншавии он омӯхта шавад ва минбаъд муайян намудани роҳу воситаҳои пешгирии ифротгароӣ барои ҷомеаи аҳамияти муҳим дорад.

Сабаби асосии афзудани ин падидаҳои номатлуб дар ҷомеаи имрӯза ба омилҳои зерин алоқаманд мебош;ад:

- паст будани сатҳи таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти давлатӣ;
- зиёд шудани сафи бекорон;
- мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни ҷавонон;
- ҷалби ҷавонон ба машғулиятҳои динӣ (таҳсилоти ғайрирасмии динӣ);
- зиёд шудани таъсири тарғибу ташвиқоти гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои тундравӣ динӣ;
- паст будани дониши дунявӣ ва ҳам маърифати динӣ;
- Огоҳи надоштани ҷавонон аз анъанаҳои миллӣ;
- Бемасъулиятии волидон.

Бояд қайд кард, ки мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, оид ба ин масъала таҳлилгари масъалаҳои муҳоҷират Алексей Старостин, қайд менамояд, ки барои муҳоҷирони меҳнатӣ дини ислом ба воситаи ҳифзи ҳувияти миллӣ худмуҳофизатии психологии онҳо табдил ёфтааст. Тундгароёни динӣ ин нозукии масъаларо ҳис намуда, аз он истифода мебаранд. Сабаби паҳншавии ақидаҳои ифротӣ дар байни муҳоҷиронро муҳаққиқ дар паст будани дониши ҳам дунявӣ ва ҳам маърифати динӣ мебинад. [6,26]

Қайд кардан ба маврид аст, ки муҳаққиқи рус мушкилоти муҳоҷирони меҳнатиро хеле хуб дарк кардааст. Бояд, қайд кард, ки масъалаи паст будани дониши дунявӣ ва маърифати диниро на натанҳо дар муҳоҷиратони меҳнатӣ, балки дар баъзе ҷавонон, ки дар дохили кишвар зиндагӣ мекунанд бараъло намоён аст. Инро таҳқиқоти сотсиологии Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот менамояд. [8]

Ҷавонон имрӯз зиндагии худро бе интернет тасаввур карда наметавонанд. Маълумотҳои лозимӣ ва ҳодисаҳои сиёсии ҷаҳонро аз интернет дастрас мекунанд. Ба ахбороти технологияи рақамӣ, махсусан хабаргузориҳои интернетӣ боварӣ доранд. Дар ҳаёт ва арзишҳои онҳо бошад тағйироти ҷиддӣ мушоҳида мешавад, ахлоқи онҳо торафт коста гардида, арзишҳои бегонаро қабул мекунанд. Шумораи ҷавонони коргурез, бесавод ва беихтисос меафзояд. Вақти худро беҳуда дар назди интернет ва бозиҳои интернетӣ мегузаронанд. Аз ҳама нанговараш ин аст, ки ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии аксарияти ҷавонон дар сатҳи паст қарор дорад. Сатҳи донишҳои ҳуқуқию сиёсии шаҳрвандон номукаммал аст. Таҳқиқотчиён ба чунин хулоса меоянд, ки афзудани сатҳи каҷрафтории иҷтимоӣ дар Тоҷикистон низ сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии шаҳрвандон мебошад. Аз ин вазъият ашхос ва гурӯҳҳои алоҳида ба манфиати худ истифода мебаранд. Махсусан ҳамроҳшавии ҷавонон бо гурӯҳҳои ифротгаро низ бо сабаби паст будани сатҳи маданияти сиёсию ҳуқуқӣ сурат мегирад. Яке аз масъалаҳои ҳуқуқии ҷомеаи муосири Тоҷикистон масъалаи дар байни ҳамаи табақаҳои аҳолӣ торафт паҳн гаштани нигилизми ҳуқуқӣ мебошад.

Агар сабабҳои асосии ҳамроҳшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои ифротгарою террористӣ аз як тараф бекорӣ, коррупсия ва паст будани вазъи зиндагии ҷавонон бошад, аз тарафи дигар маҳз намояндагони гурӯҳҳои экстремистӣ мебошанд, ки бо маҳорати хос аз мушкилии ҷавонон истифода намуда, тафаккури онҳоро бо ташвиқоту тарғиботи моҳиронаи худ вайрон сохта, ба худ моил мегардонанд. Дониши дурусти динӣ надоштан ва ё аз ҳад зиёд дода шудан ба фанатизми динӣ боиси ҳамроҳшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои ифротгарою террористӣ гаштаанд. Тарғиботчиёни ифротӣ аз эҳсосоти динӣ ва саводи рӯякии ҷавонон истифода бурда, онҳоро ба сафи худ ҳамроҳ мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки зуҳуроти номатлуби экстремизм ба ҷомеаи мо низ дохил гардида, иддае аз шаҳрвандони моро ба доми худ кашидааст. Бинобар маълумоти Прокуратураи

генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон то моҳи июни соли 2015 "тахминан 300 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ба сафҳои Давлати исломии (Сурия ва Ироқ) шомил гардидаанд, ки аксари онҳо ҷавонони аз 18 то 35 сола мебошанд. Аз ин шумора 40 нафари онҳо бо ҳамроҳии оилаҳояшон ба ин сафҳо дохил гардидаанд." [11,86]

Пешниҳоду тавсияҳо барои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротгарою террористӣ:

- Тарбияи рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ
- Маъвизаҳои рӯҳониёни бонуфуз;
- Ба ҷойҳои корӣ таъмин кардани ҷавонони бекор;
- Гузаронидани семинару ҷамъомадҳои маърифатӣ;
- Корҳои тарғиботӣ тавассути ВАО;
- Кӯмак ба ҷавонони дучори мушкилӣ;
- Зиёд намудани майдонҳои варзишӣ;
- Таъмини адолати иҷтимоӣ.

Ба ақидаи олимон дар ҷомеаи глобалӣ ва давраи иттилоотӣ рафтори ҷавонон тағйир меёбад ва ҷомеа бояд ба ин омода бошад. Аз сабаби паст будани дониши дунявӣ, маърифати динӣ, кам будани таҷриба ва тафаккури таҳлилӣ на ҳамаи ҷавонон ахбори воридшуда ва маълумоти лозимро дарк ва таҳлил карда метавонанд. Пас моро мебояд, дар якҷоягӣ бо аҳли оила, мактаб, ҳамсояву хешон бар зидди шомилшавии ҷавонон ба гуруҳҳои ифротгаро мубориза бурда, ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кумаки амалӣ намуда, пеши вабои асрро бигирем.

Аз ин рӯ, ба кормандони илм ва маориф низ зарур аст, ки тамоми ақлу заковат, дониш ва таҷрибаи ҳаётии худро ба он равона созанд, ки ҳодисаҳои шомилшавии ҷавононро ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ пешгирӣ ва дар раванди аз байн бурдани онҳо саҳмгузор бошанд. Волидайн бояд, кудаконашро назорат кунанд, ки бо чи корҳо машғуланд ва бо ки дустӣ мекунанд. Мутаассифона дар ҷомеаи имрӯзаи мо волидайне пайдо мешаванд, ки беаҳамиятӣ дар тарбияи фарзандонашон зоҳир мекунанд. Аз ин беаҳамиятии падару модар, гурӯҳҳои ифротӣ истифода бурда, майли ҷавононро ба худ ҷалб мекунанд.

Муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ фаъолияти идеологиашонро дар сатҳи маҳалҳо бояд афзоиш дода, таъсири аҳли илму маърифатро бар афкори ҷавонон боло баранд. Ҷаҳонбинии илмӣ ва динии ҷавононро ба воситаи арзишҳои анъанавӣ ва фарҳангӣ мустаҳкам кунанд, то ки гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ натавонанд онҳоро ба сафи худ ҷалб намоянд. Насли наврасро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, худогоҳӣ ва инсонмеҳрварӣ тарбия намудан лозим аст. Мақсади ҳар як ҷомеа, ҳар як давлат ва роҳбарияти сиёсии он ташкилу таъмини ҳаёти хушу хуррам ва осудаву ороми халқу диёраш, сарсабзӣ ва сарбаландии миллаташ дар арсаи байналмилалӣ мебошад, аз ин сабаб, барои решакан кардани терроризм ва экстремизм тамоми чораҳоро меандешад. Муқовимат ба радикализми сиёсӣ, экстремизми динӣ ва терроризми байналхалқӣ таъмини оядаи дурахшони миллату давлат ва якпорчагии Тоҷикистони азиз аст.

**Адабиёт**


1. Закон Республики Таджикистан "О борьбе с терроризмом", принят 16 ноября 1999г. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ведомости ВС РТ). 1999. №11. С.5,6, 8,
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018, шаҳри Душанбе// ttp://www.president.tj/node/19088
3. Любачев А.В. Проблемы борьбы с терроризмом во внешней политике современной России // Автореферат дисс.. канд. пол. наук. –СПб, 2007.
4. Маҷидзода Ҷ.З. Табиати террор ва терроризм, зарурияти таъсиси ниҳоди илмии байналмилалиро ба миён овардааст // Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқобилият бо терроризм, экстремизми динӣ ва радикализми сиёсӣ. Маҷмуаи маърӯзаҳои мизи мудаввар. – Душанбе, 2018.
5. Пластун В.Н. Деятельность экстремистских сил и организаций в странах Востока. -Новосибирск: "Сова", 2005. - 474с.
6. Старостин Алексей. "Исламский фактор» в миграционных процессах в России. – М. – Нижний Новгород: ИД «Медина», 2009.
7. Сущность и проявление политического радикализма// https://studfile.net/preview/1725415/page:17/
8. Таҳқиқоти сотсиологии Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ.

9. Терроризм ва ифротгароӣ - роҳҳои пешгирии он. –Душанбе: «Маориф»,2015. – 250 с.

10. Файзуллоҳ Ҷалол. Симои терроризми байналмилалӣ. –Душанбе: «Эр-граф», 2019.- 140 с.

11. Юсуф Раҳмон Аҳмадзод. Экстремизми динӣ - сиёсӣ ҳамчун омили таҳдид ба амнияти минтақа // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2018. №1.